Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА - 014
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба
номи Ш.Шоҳтемур (734003, ш.Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 146.,www.tajagroun.tj,
E-mail: mtti2009@mail.ru

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии унвонҷӯ Иброҳимзода Одилхон Юлдош дар мавзӯи "Такмили механизми ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон " барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.05-Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ)**

Яке аз омилҳои асосии рушди устувории иқтисоди миллӣ ин вусатдиҳии соҳибкорӣ хусусан соҳибкории кишоварзӣ маҳсуб меёбад. Ҷиҳати таъмин намудани амнияти ғизоии кишвар ва таъмин намудани аҳолӣ ба маҳсулоти тару тоза соҳибкорон хусусан соҳибкорони хурде, ки дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд саҳми назарасе доранд.

Дар доираи гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ва амалӣ намудани ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ фазои пайдоиш ва рушди соҳибкорӣ фароҳам гашт. Ҷиҳати самаранок фаъолият намудани равандҳои алоҳидаи кишоварзӣ як қатор барномаҳои соҳавии мушаххас қабул гашта, амалӣ шуда истодаанд. Айни ҳол Барномаи давлатии ислоҳоти соҳаи кишовазӣ барои солҳои 2012-2020 амалӣ шуда истодааст, ки тибқи нақшаи роҳӣ ин барнома фазои пурраи фаъолияти бозории соҳибкорон таъмин мегардад.

Диссертант иброз медорад, ки соҳибкории кишоварзӣ дар асоси талаботи самараноки худ ба рушди инфрасохтори бозории КАС мусоидат намуда, ҷиҳати ба соҳибкорони аграрӣ пешниҳод намудани хизматҳои зарурии истеҳсолию техникӣ, таъминотию тиҷоратӣ, молиявию қарзӣ ва иттилоотӣ шароит фароҳам меорад. Манфиатҳои фаъолияти самараноки КАС муносибати маҷмӯиро ба рушди соҳибкории кишоварзӣ ва ғайрикишоварзӣ дар деҳот, ҳамкорӣ ва ҳамгироии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-ро на танҳо дар байни ҳамдигар, балки бо дигар корхонаҳои кишоварзӣ, захиракунанда, азнавкоркардкунанда ва дигар корхонаю ташкилотҳо, рушди соҳаи иҷтимоии деҳот ва васеъ намудани бозори меҳнатро аз ҳисоби намудҳои ғайрикишоварзии фаъолият пешбинӣ менамоянд (саҳ.9-10).

Ҷиҳати такмили механизми рушди соҳибкории аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллифи диссертасия таҷрибаи кишварҳои

Иттиҳоди Аврупо, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва Амрикои шимолӣ мавриди омӯзиш қарор дода, мутобиқати онҳоро ба кишвар муайян кардааст.

Тавре маълум аст боби дуюми диссертасия таҳлили рушди соҳибкории аграриро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он дар бар мегирад.

Аз таҳлилҳои диссертасия маълум гашт, ки натиҷа хоҷагиҳои деҳқонӣ ба шакли асосии хоҷагидорӣ ва соҳибкории аграрӣ табдил ёфт ва сол аз сол шумораи онҳо афзуда истодааст. Фақат дар давраи солҳои 2014-2019 шумораи онҳо дар мамлакат аз 108,0 ҳазор то 172,0 ҳазор расид. Мутобиқан дар минтақаҳои мамлакат низ шумораи онҳо афзуда истодааст. Масалан дар ВМКБ аз 0,13 ҳазор то 16 ҳазор адад, дар вилояти Суғд аз 30,9 ҳазор то 65,2 ҳазор адад, дар вилояти Хатлон аз 52,6 ҳазор то 58,7 ҳазор, дар НТҶ бошад аз 24,5 ҳазор то 32,1 ҳазор адад зиёд шудааст(саҳ.11).

Диссертанд дар кори таҳқиқотии худ аз услҳои асосии таҳқиқот ба монандӣ методҳои таҳлили низомӣ, таҳлилу ҷамъбаст, муқоиса, методҳои омориву экспертӣ, таҳлили омилӣ ва ҳамбастагию регрессионӣ, методи экстраполятсия истифода кардааст.

Дар қатори усулҳои маъмулии таҳқиқот инчунин аз услҳои замонавӣ истифода кардааст, ки таҳияи амсилаҳои дурнамо вобаста ба маълумотҳои оморӣ амсилаҳои ҳисобии тренди хаттӣ, полиномиалӣ ва авторегрессионӣ таҳия кардааст. Ҳангоми истифодаи методи мазкур дурнамои маҷмӯи истеҳсоли намудҳои асосии зироатҳои кишоварзӣ, ҳаҷми замини корам ва ҳосилнокӣ аз 1 га дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 муайян карда шуд.

Самаранок фаъолият намудани соҳибкорӣ дар кишоварзӣ бе дастгирӣ ва танзими давлатии фаъолият ғайриимкон аст. Дар тамоми кишварҳои тараққикарда, соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла соҳибкорӣ дар соҳа зери дастгирии давлат қарор дорад. Шаклҳо, усулҳо ва роҳҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар кишоварзӣ бо шакли модел дар кори диссертатсионӣ нишон дода шудааст

Новобаста аз дастовардҳои дар автореферат дарҷ гардида, инчунин баъзе камбудиҳо ва пешниҳодҳо барои бо ҳам хубтару беҳтар намудани мазмун ва муҳтавои он низ пешниҳод гардидаанд, ки миёни онҳо метавон ҳолатҳои зеринро ҷудо намуд:

1. Дар боби якуми диссертасия ақидаи муаллифонаи рисоланавис мушаххас нест, яъне назарияи худро оиди мавзӯи таҳқиқшаванда баён накардааст;
2. Муаллиф дар диаграммаи 1 ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар иҷроиши даромаднокии Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2014 – 2020 бо% мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Сабабҳои афзоиш ё

камшавии ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон норавшан аст;

Аммо дар маҷмӯъ, қайд кардан ҷоиз аст, ки камбудиҳои оварда шуда на он қадар ҷиддӣ буда арзиши назариявию методологӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунанд.

Диссертатсияи номзадии Иброҳимзода Одилхон Юлдош дар мавзӯи “Такмили механизми ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ”дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тодикистон ҷавобгӯ мебошад ва рисоланавис барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ) сазовор мебошад.

Муовини ректор оид ба илм
ва робитаҳои байналмилалии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон, д.и.и., дотсент Шаропов Ф.Р.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

Имзои Шаропов Ф.Р.-ро тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсус Пирзода С.С.